**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Хоҷазода Фурқат Файзалӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022. – 26 саҳ).**

Дар таърихи қонунгузории ватанӣ аввалин шуда дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҶ ҶТ) пешгирии ҷинояткорӣ яке аз вазифаҳои асосӣ эътироф гардидаанд (қ. 1 м. 2 КҶ ҶТ). Ҳамзамон, нақши муҳимро дар ҳалли бомуваффақияти вазифаи мазкур такмили меъёрҳои ҳуқуқие мебозанд, ки ҷавобгариро барои дахлдорӣ ба ҷиноят муқаррар менамоянд. Чунин кирдорҳои ҷиноятӣ одатан дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар доираи мафҳуми умумии дахлдорӣ ба ҷиноят муттаҳид карда мешаванд.

Криминализатсияи кирдорҳое, ки барои содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахсони дигар ва (ё) аз адолати судӣ пинҳон доштани ҷиноятҳои аллакай содиршуда мусоидат мекунанд, яъне дахлдорӣ ба ҷиноят яке аз воситаҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди ҷиноят ба шумор рафта, мақсади асосии он пешгирии бомувафақияти ҷиноятҳои алоҳида мебошад.

Дар замони муосир таҷдиди низоми пешгирии криминализатсияи муносибатҳои ҷамъиятӣ, дахлдорӣ ба ҷиноят ҳамчун категорияи ҳуқуқи ҷиноятӣ начандон дуруст боқӣ мондааст. Масъалаҳо оид таҳлили ҷиноятҳое, ки барои содир намудани ҷиноят мусоидат мекунанд, таносуби таъсири ҳуқуқӣ нисбат ба намудҳои алоҳидаи дахлдорӣ ба ҷиноят, ҷудо

кардани зуҳуроти ҳуқуқӣ-ҷиноятии баррасишаванда аз шарикӣ дар ҷиноят ва ғайра ҳоло ҳам рӯзмарра мебошанд.

Муқарраротн амалкунандаи КҶ ҶТ дар бораи институти дахлдорӣ ба ҷиноят ба ҳалли вазифаи пешгирии ҷиноят масъалаи ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятиро аз суйиқасд ба ҷиноят пурра таъмин намекунад, зеро дар низоми Қисми махсуси КҶ ҶТ мавҷуд будани камбудиҳои алоҳида ва низомнокии дақиқи аломатҳои дахлдорӣ ба ҷиноят, ки ҷазои ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд, ҷой дорад.

Бинобар ин, масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои мазкур, ки муҳақиқ Хоҷазода Фурқат Файзалӣ рисолаи илмии худро дар ин хусус ба анҷом расонидааст, яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад ва натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ муҳим мебошанд.

Аз таҳлили амиқ, баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи услуби мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ таҷассум намуда, натиҷаҳои он пурра, босамар будани таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст, вале новобаста аз ин, ҳанӯз баъзе масъалаҳое дар ин самт ҷой доранд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

Аз ҷумла, муаллиф дар таҳрири зерин пешниҳод намудани қ. 2 м. 347 КҶ ҶТ ба мақсад мувофиқ шуморида дар он ба сифати ҳолати вазнинкунанда пинҳон доштани ҷиноятҳои зеринро номбар намудааст: қ. 2 м. 104, қ. 3 м. 130, қ.қ. 2 ё 3 м. 179, қ. 3 м. 181, м. 306, қ. 2 м.м. 309, 310, 313 ё м. 329 КҶ ҶТ (саҳ. 28).

Вобаста ба масъалагузорӣ андешаи муаллифро мушаххас намудан

лозим аст, ки бо кадом ваҷҳ зарурати ҷудо намудани танҳо чунин ҷиноятҳо ҷой дорад ва барои чӣ муаллиф ба номгуйи мазкур як қатор ҷиноятҳои дигари махсусан вазнинро дохил накардааст.

Эроди мазкур ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад ва танҳо масъалаи мавриди назар мубоҳисавӣ мемонад.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф хислати манфӣ, духурагиии таҳқиқотро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Хоҷазода Фуркат Файзалӣ мусбат мебошад, зеро он нахустин пажуҳиши илмӣ бо забони давлатӣ оид ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоиди назариявӣ-амалиро дар илми ҳуқуқшиносии ҷумҳурӣ мегузорад.

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи номзадии Хоҷазода Фуркат Файзалӣ мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи диди тоза ва мантиқ таҳлил шуда, сазовори баҳои мусбат аст.

Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Хоҷазода Фуркат Файзалӣ дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад.

Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи ҳуқуқӣ нишон медиҳад ва муаллифи рисола Хоҷазода Фуркат Файзалӣ сазовори

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Муовини директори Маркази**
**миллии қонунгузории назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Маҳмадшозода Ф.А.**

**Имзои Маҳмадшозода Ф.А.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори бахши кадрҳо ва коргузории**
**Маркази миллии қонунгузории назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Фаттоев М.С.**

**Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13; телефон: 227-47-71; 227-45-53; 227-08-07; E-mail: info@mmk.tj.**

**«24» 02 2023 с.**